«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент
Сафарзода М.В.
«30» 11 соли 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳақиқатан ба бандҳои зерини 1,3, 4, 5,7, 10,29, 49,50 -и дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқ мебошад.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ сиёсати сармоягузорӣ ҳамчун омили муҳимтарини раванди сармоягузорӣ баромад мекунад, ки бо ёрии он давлат равандҳои такористеҳсоли васеъро ба танзим дароварда, самтҳои иҷтимоию иқтисодии худро амалӣ менамояд. Амалигардонии стратегияи рушди устувори сектори аграрии кишвар, ҷорӣ намудани комплекси тадбирҳои мелиоративӣ ва таҷдиду таъмири системаи обёрикунонии заминҳо, баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзиро бидуни сармоягузорӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар ин радиф зикр кардан бамаврид аст, ки механизми идоракунии раванди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Яке аз шартҳои асосии ба даст овардани самаранокии истеҳсолоти маҳсулотҳои кишоварзӣ ин аст, ки сармоягузориҳо бояд миёна бошаду маҳсулнокӣ бо хароҷоти минималӣ таъмин шавад, зеро ин тақозои иқтисоди бозорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, фаъолияти сармоягузорӣ, чи дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва чи мавриди қабули қарорҳои мустақим оид ба онҳо, на танҳо дар дараҷаи корхонаву ташкилотҳо, ширкату фондҳои сармоягузорӣ, балки дар сатҳи давлат ва сохторҳои

ҳудудии идоракунии он мавриди таҳлилу омӯзишҳои ҳамаҷониба қарор дода мешаванд. Яъне, фаъолияти сармоягузорӣ дар ҳама дараҷаҳои номбурда бояд ончунон коркард ва амалӣ гардонида шаванд, ки натиҷаҳои онҳо ба сиёсати сармоягузории давлат мувофиқат намуда, ҳамзамон самаранокии нақшаҳои стратегии давлатро дар бахши сармоягузорӣ таъмин карда тавонанд.

Коршиносони масоили иқтисодӣ бар он назаранд, ки рушди устувори соҳаи кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба ҷараёни мусбати раванди сармоягузорӣ вобаста аст. Мавриd ба зикр аст, ки яке аз мушкилоти асосии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ин маҳдуд будани сарчашмаҳои сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки онҳо мебошад. Механизми раванди идоракунии сармоягузорӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ вижагиҳои хоси худро дорад, ки нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт фарқкунанда мебошанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар омӯзиш ва таҳлилу натиҷагирии самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шуда, мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ошкор, таъсири ин гузоришҳо ба самаранокии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар мисоли субъектҳои хоҷагидории кишоварзии кишвар мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Бо назардошти мушкилоти ҷойдошта, диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович меҳнати анҷомёфтаи илмии тахассусӣ мебошад, ки роҳи ҳалли нави як масъалаи таъхирнопазири илмиро ифшо намудааст. Омӯзиши нокифояи мушкилоти назариявӣ ва амалии ҷанбаҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисодиёти муосир муҳиммияти интихоби мавзуи таҳқиқоти илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онро нишон медиҳад.

3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо). Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:

1. Дар диссертатсия бо истифода аз адабиёти илмӣ ва ҳуҷҷатҳои стратегӣ оиди мавзуи таҳқиқшаванда, фикру мулоҳизаҳои илмии муаллиф роҷеъ ба мафҳум ва моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ, сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бо истиснодҳои илмӣ баён шудааст;

2. Мавриди зикр аст, ки унвонҷӯ дар кори диссертатсионии худ аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ истифода карда, хосиятҳои зоҳиршавии тадричан коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани қитъаи замини онҳо, дар бахши ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ бо пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ, доир ба ҷуброни зарар аз ҳисоби фонди суғурта, истифодаи сиёсати истеҳлок чун сарчашмаи сармоягузории

истеҳсолот дар шароити таҳримҳо таҳқиқ намудааст. Дар асоси ин таҳқиқҳо роҳу усулҳои дар амал татбиқ намудани таҷрибаи пешрафтаи онҳоро барои рушди сармоягузорӣ дар соҳаи кишварзии кишвар тавсия намудааст;

3. Рисоланавис дар асоси сарчашмаҳои илмӣ модели кластери сабзавотро таҳия ва пешниҳод кардашудааст, ки тибқи ин модел имконияти сарчашмаҳои худии соҳаи кишоварзӣ рушд карда, бо истифода аз сарчашмаҳои сармоягузорӣ рушди истеҳсолоти сабзавот дар кишвар таъмини гардида, дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба мамлакати истеҳсолкунанда ва содиркунандаи сабзавот дар ҷаҳон муаррифӣ намояд;

4. Муаллиф ҳангоми таҳқиқот модели «Кооперативи сармоягузории деҳот»-ро таҳия ва пешниҳод карда аст, ки ин саҳми муаллиф дар рисолаи илмӣ мебошад. Тибқи ин модел аз нигоҳи муаллиф бо роҳи мутамарказ намудани маблағҳои муваққатан озоди хоҷагиҳои кишоварзӣ, буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, бонкҳо, грантҳои ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ ва дигар сарчашмаҳо иқтидори сармоягузории соҳаро афзуда, метавонад хоҷагиҳои кишоварзиро бо сармоя таъмин намояд;

5. Ба андешаи муаллиф яке аз омилҳои пешрафти соҳаи кишоварзӣ дар ҳоли ҳозир пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ мебошад. Ҳамзамон, муаллиф пешниҳод кардааст, ки бонки давлатии замин ва бозори замин таъсис дода шавад. Муаллиф бо истифода за моделҳои иқтисодӣ риёзӣ дурнамои сарчашмаҳои сармоягузории фаъолияти бонки давлатии замин то соли 2030 ҳисоб карда, самаранокии иқтисодии истифодаи қарзи ипотекӣ дар мисоли бунёди сардхона барои 1000 тонна ангур дар хоҷагиҳои шаҳри Ҳисор исбот карда шудааст.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ, хулосаҳо оид ба интихоби усулҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудааст, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашудаю коркардшуда оид ба мавзуи мазкур, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисолаи диссертатсионӣ мавҷуданд, инчунин, нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Муаллифи диссертатсия фаҳмиши амиқи "моҳияти иқтисодии мафҳуми «сармоя»,«сармоягузорӣ» ва «сармоягузории соҳаи кишоварзӣ"-ро бо такя ба доираи васеи манбаъҳои илмӣ, аз ҷумла корҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳад. Дар таҳқиқот асосҳои назариявии ва моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ, хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, ҷойгоҳ ва нақши фазои сармоягузорӣ дар маблағгузории соҳаи кишоварзӣ, роҳҳо ва

механизмҳои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи ҷалби иқтидори сармоягузории кишоварзии мамлакат аниқ муайян карда шудаанд. Асоснокии муқаррароти назариявию ҷанбаҳои асосии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, роҳҳои ҷалби сармоягузорӣ ва самаранок истифода баурдани онҳо дар соҳа бо мантиқи пайдарпайи изҳорот, далелҳои хулосаҳо ва истинодҳо ба манбаъҳои бонуфуз тасдиқ карда мешавад.

Муаллиф на танҳо бо номбар кардани равишҳои назариявию методологии мавҷуда маҳдуд мешавад, балки таҳлили интиқодии онҳоро мегузаронад, ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи баҳодиҳиии сармоягузориҳоро дар соҳаи кишоварзӣ ошкор мекунад, тафсирҳо ва такмилҳои худро пешниҳод менамояд. Хулосаҳои илмии дар диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлили маълумоти назариявӣ, методологӣ ва оморӣ бармеоянд. Муаллиф хулосаҳои возеҳ ва асоснокро дар бораи ҳолати имрӯзаи ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ баён намуда, мушкилот ва ихтилофоти асосиро муайян намуда, роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзиро муайян месозад. Пешниҳодҳои таҳиякардаи муаллиф хусусияти мушаххас ва амалӣ доранд, ки ба ҳалли мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сармоягузориҳо дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ пешниҳод гардидаанд.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқро натиҷаҳои илмӣ ва амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф оид ба самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад. Муқаррароти илмӣ ва тавсияҳои амалии дар кори диссертатсионӣ таҳияшуда имкон медиҳанд, ки дар сатҳи нисбатан баланди илмӣ ва методӣ, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккули сиёсати муваффақи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳалли вазифаҳои такмили механизми идоракунии раванди сармоягузорӣ ҳалли ҳамаҷонибаи худро ёбанд. Баъзе коркардҳои илмии натиҷагиришудаи диссертатсияро дар ҷараёни таълим, зимни тадриси фанҳои таълимии асосҳои сармоягузорӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар факултетҳои иқтисодии муассисаҳои таҳсилоти олии-касбии мамлакат истифода бурдан мумкин аст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки оид ба ташаккули сиёсати муваффақи сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва ҳалли вазифаҳои фаъолгардонии раванди сармоягузорӣ пешниҳодҳо сурат гирифтаанд. Нуктаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявӣ-методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии

таҳияи сиёсати сармоягузории соҳаи кишоварзӣ истифода бурд. Ҳангоми баррасии мавзуъ муаллиф ба равияҳои консептуалӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи илмии марказҳои намоёни илмӣ баён гардидаанд, инчунин, ба қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намудааст.

6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он кушода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию услубии сармоягузориҳои соҳаи кишоварзӣ» ном гирифта, моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ ва тавсифи унсурҳои асосии он, хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ва таҷрибаи хориҷӣ ҳамчун фаъолгардонии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 14-60).

Дар зербоби 1.1. диссертатсия аз нигоҳи унвончӯй вожаҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ, ба андешаи мо, мафҳумҳои баробармазмун нестанд. Мафҳуми маблағгузорӣ нисбат ба сармоягузорӣ васеътар мебошад, зеро мақсади сармоягузорӣ гирифтани фоида бошад, мақсади маблағузорӣ на танҳо гирифтани фоида, балки ба даст овардани самараи иҷтимоӣ низ ҳаст, (саҳ.22).

Бо такя бар олимони ватанӣ, ки фикру мулоҳизаҳои онҳо дар зербоби 1.1. нишон дода шудааст, муаллиф иброз медорад, ки бо дарназардошти ин метавон «сармоягузории кишоварзиро ҳамчун сармоягузории ба хавфҳо мувоҷеҳи аҳаммияти стратегидошта, ки дорои ҷолибияти паст ва ба дастгирии давлатӣ ниёздошта мебошад», маънидод намудан мумкин аст, (саҳ.29).

Дар зербоби 1.2 диссертант хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзиро мавриди таҳқиқот қарор дода, дар пояи таҳқиқоти асосҳои назариявию методологӣ мо хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзиро дар шакли ҷадвал тасвир кардааст, (ҷадвали 1.2.1.) . Аз нигоҳи муаллиф хусусиятҳои асосии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ инҳо маҳсуб меёбанд: хавфи хушксолӣ, офатҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим, характери мавсимӣ доштани талабот ба сармоягузорӣ, ба организми зинда вобаста будани сармоягузорӣ, дастрасии маҳдуд ба технологияи нав, сатҳи пасти рақамикунонии иқтисодиёт, дароз будани муҳлати байни сармоягузорӣ ва даромад аз фурӯш, маҳдуд будани сармоягузории дохилӣ ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ, набудани созишномаҳои пешниҳоди сармоя бо гарави ҳосил ва ғайраҳо (саҳ.31).

Дар зербоби 1.3 муҳаққиқ зимни таҳқиқоти худ оид ба таҷрибаи хориҷӣ чунин натиҷагирӣ намуда ва иброз медорад, ки барои Ҷумҳурии

Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ҳамаи давлатҳо аз имкон берун аст, зеро захираҳои молиявии маҳдуд дорад, вале: таҷрибаи ИМА доир ба тадриҷан коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани қитъаи замини онҳо ҷолиби диққат аст, таҷрибаи давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар бахши ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ бо пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ, таҷрибаи Австралия доир ба ҷуброни зарар аз ҳисоби фонди суғурта,таҷрибаи Исроил доир ба ҷуброни қарзҳои хоҷагиҳо барои пардохти ҳаққи хизматрасонии об, таҷрибаи Канада доир ба пардохти фоизи қарзи бонкҳо, дастгирии рушди илми кишоварзӣ ва таҷрибаи Русия доир ба истифодаи сиёсати истеҳлок, ҳамчун омили сармоягузории истеҳсолот дар шароити таҳримҳо ба манфиат мебошад (саҳ.60).

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили ҳолати муосири сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифта, дар он вазъи муосири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баҳои ҳолати кунунии ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ, арзёбии самаранокии иқтисодии сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳлили арзёбӣ қарор дода шудаст (саҳ.61-95).

Дар зербоби 2.1 диссертатсия муаллиф ҳангоми таҳлилҳо муайян кардааст, ки дар сохтори сармоягузориҳои кишвар ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ на чандон зиёд бошад ҳам (0,3%), вале дар ин давра аз 27,7 млн. сомонӣ то 55,5 млн. сомонӣ афзудааст. Нақши ҷамъиятҳои саҳомӣ дар сохтори сармоягузориҳо дар давраи зери таҳқиқот қарордошта ба таври назаррас афзудааст. Аз 370,3 млн сомонӣ дар соли 2019 то 1058,0 млн. сомонӣ дар соли 2023 расидааст, ки 285,7%-ро ташкил диҳад ва ҳиссаи онҳо аз 3,0 то 5,1% боло рафтааст (саҳ.63). Ҳангоми таҳлили ҷадвали 2.1.7.муайян шуд, ки дар сохтори сармоягузориҳо ҳиссаи бештар ба соҳаи энергетика дахл дорад, ки 38,6%- ро ташкил медиҳад. Мавқеи дуюмро соҳаи нақлиёт ва роҳ ишғол менамояд, ки ҳиссаи он дар сохтори сармоягузорӣ ба 25,5% баробар аст (саҳ.68).

Дар зербоби 2.2. муаллиф таҳлил карда баромада ва иброз медорад, ки соли 2023 сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ нисбат ба соли 2019 74,9% коҳиш ёфтааст. Ин далел аз ҷолибияти пасти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад. Тавре аз таҳлилҳои ҷадвали 2.2.2. бармеояд, агар ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ҷамъи умумии сармоягузориҳо дар соли 2023 ба 0,51 фоизи сармоягузориҳои умумии кишвар рост омада бошад, солҳои 2020 он ба 0,11 ва соли 2021ба 0,10 ва соли 2019 ба 0,27% баробар буд. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки тибқи тақсими сармоя нақши соҳа дар ташаккули ММД ба назар гирифта намешавад (саҳ.74).

Дар зербоби 2.3. диссертант ҳангоми таҳлили ҷадвали 2.3.4, муайян кард, ки ба як сомонӣ сармоягузориҳо дар соли 2023 -548,5 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли

2019-ум 70,9% кам аст. Боздеҳии сармоягузориҳо тамоюли пастравӣ дошта, нисбат ба соли 2020-ум 7,2 баробар, нисбат ба соли 2021-ум 6,4 баробар ва нисбат ба соли 2022-ум 0,9% кам шудааст, (саҳ.86).

Боби сеюми диссертатсия «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон » ном гирифта, дар он беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ самти асосии ҷалби сармоягузории соҳаи кишоварзӣ, такмили ташкили истеҳсолот, ҳамчун роҳи фаъолгардонии сармоягузории хоҷагиҳои кишоварзӣ ва ипотека, ҳамчун омили ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст (саҳ.96-135).

Дар зербоби 3.1 муаллиф исбот кардааст, омили дигари ба ҷолибияти сармоягузорӣ таъсиррасон ин қарзгузории бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки солҳои охир ба соҳаи кишоварзӣ бонкҳо бештар қарзгузорӣ намудаанд. Тибқи омори бонкӣ дар дурнамои соли 2030 бонкҳо метавонанд ба соҳаи кишоварзӣ 4047,5 млн сомонӣ қарз диҳанд, ки нисбат ба соли 2023-юм 48,0% зиёд аст. Аз ин ҷо, дар ҳолати соли базавӣ ба 1 хол баҳо додан, пас дар соли 2030 он ба 1,4 хол баробар мешавад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз бонкҳо ба соҳаи кишоварзӣ эътимод надоранд (саҳ.103).

Ҳангоми таҳқиқи зербоби 3.2. муаллиф иброз медорад, ки тибқи маълумоти соли 2023 даромад аз фурӯши 1 тонна бодиринг 7000 сомониро ташкил намуд, ки аксари хоҷагиҳои кишоварзӣ аз истеҳсоли он фоидаи иқтисодӣ гирифтанд. Арзиши аслии 1 т бодиринг бо дар назардошти андози замин ва андози иҷтимоӣ 6268 сомониро ташкил намуд ва хоҷагиҳо аз истеҳсоли 1 т бодиринг 732 сомонӣ фоидаи иқтисодӣ гирифтанд. Ба ин сабабҳо майдони кишти бодиринг дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 афзоиш ёфт (саҳ.112).

Дар зербоби 3.3. зимни таҳқиқоти худ иброз медорад, ки яке аз механизмҳои ҷалби сармояи қарзӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ ипотека ба ҳисоб меравад, ки бо гарави моликияти хоҷагӣ ва ё заминҳои таъйиноти кишоварзӣ амалӣ мегардад. Қарзҳои ипотекиро ҳамчун сарчашмаи ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ намуда, чунин хулосабандӣ намудан мумкин аст.Дар шароити маҳдуд будани сарчашмаҳои худии сармоягузории рушди соҳаи кишоварзӣ, зарурати ҷалби сармоягузориҳои қарзӣ ба миён меояд. Давлат ҳавасманд аст, ки барои таъмини амнияти озуқавории аҳолии кишвар соҳаи кишоварзиро дастгирӣ намояд. Хамасола аз ҷониби буҷет соҳаи кишоварзӣ сармоягузорӣ карда мешавад ва бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон ба соҳа қарзҳои бонкӣ ҷудо менамоянд, вале онҳо талаботи соҳаро қонеъ карда наметавонанд. Аз ин рӯ, зарурати ташкили бонки давлатии замин ба миён омадааст, ки модели он пешниҳод карда шудааст (саҳ.133).

Дар қисмати хулосаи диссертатсия пешниҳод натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

7.Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда махсус бояд таъкид кард.

8.Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он. Ҳамаи даврaҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф асосҳои назариявии раванди сармоягузориро омӯхта, роҳҳои такмили механизми идоракунии раванди сармоягузории кишоварзиро коркард ва дурнамои рушди онро таҳия намудааст. Тавсияҳои методӣ ва амалии диссертатсия дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз фанҳои Асосҳои сармоягузорӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ истифода шуда истодаанд.

9. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Муаллиф дар зербоби 1.1. ақидаҳои олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷиро оид ба сармоягузорӣ, сармоягузорӣ дар самти кишоварзӣ, тавассути иқтибосҳо аз сарчашмаҳои илмӣ нишон додааст, вале таърифи муаллифонаи худи муаллиф пайхас карда намешавад;

2. Муаллиф дар зербоби 2.1. иброз медорад, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми сармоягузориҳои соҳаҳои иқтисодиёти кишвар пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад. Роҷеъ ба ин ҷадвалҳои 2.1.9. ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ аз рӯйи соҳаҳо, 2.1.10. ҳаҷми пешниҳоди қарзҳои бонкӣ бо асъори миллӣ аз рӯйи муҳлат, 2.1.11. тағйирёбии меъёри миёнаи фоизи қарзҳои бонкӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда аст.

Бисёр ба мавриd мебуд, ин қисмати таҳлилро дар дигар зербобҳои анҷом медод, чунки навгонии панҷум оиди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ба соҳаи кишоварзӣ мебошад;

3. Муаллиф дар зербоби 2.2., ҷадвали 2.2.10. -таҳлили фоида ва зарари корхонаҳои кишоварзиро мавриди таҳқиқот қарор додааст, аммо бо кадом сабабҳои корхонаҳои кишоварзӣ тайи солҳои таҳлилӣ зарар дидаанд, норавшан боқӣ мондааст;

4. Муаллиф ҳангоми муайян кардани дурнамои нишондиҳандаҳои ба ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили кластерҳои сабзавот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 бо кадом методи таҳқиқот ҳисоб карда шуда аст, норавшан боқӣ монда аст;

5. Диссертант дар зербоби 2.3.,ҷадвали 2.3.8.- Сармоягузории кооперативи тиҷоратии «Раҳмонҷон»-и н.Данғара –ро мавриди таҳлил қарор додааст, аммо тавре аз ҷадвал маълум аст, ин на таҳлили сармоягузории ин хоҷагӣ, балки самаранокии истеҳсолотро таҳлил карда аст;

6. Дар зербоби 3.3. муҳаққиқ ҷадвали 3.3.1. сарчашмаҳои ташкили фонди қарзгузории ипотекии соҳаи кишоварзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда намудааст, аммо таҳлили ҷавдвали мазкур ба номгузории ҷадвал мувофиқат намекунад, яъне ҳамон нишондиҳандаҳои қарзгузории ипотекии соҳаи кишоварзӣ аз мадди назари таҳлил дур мондааст;

10. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 9 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

11. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия. Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад. Он дар шакли фишурда мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда, асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи батабърасида (рисолаву дастурҳои таълимӣ, 9 мақола, ки 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст) , мувофиқ мебошанд.

12. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда, мубрам ва

баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ , ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Тақриз аз натиҷаи ҷаласаи кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳия шудааст (протоколи № 6 аз 27.01. 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор – 16 нафар, зид – нест; бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Раҳматзода У. Р.

Ташхисгар:
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Комилзода Н.Б.

Котиби ҷаласа:
н.и.и, и.в., дотсент Вазирзода Д.Р.

Имзоҳои Раҳматзода У.Р, Комизода Н.Б., ва Вазирзода Д.Р. -ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Сурога: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16,
Тел.: (+992 8 33 22) 2 35 06; 2 35 07,
факс: (+992 8 33 22) 3 35 06
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj